ин хун аз раг аст, аммо намозро ба андозаи рӯзҳое, ки ҳайз мешудӣ тарк кун, сипас ғусл бикун ва намоз бихон

Аз Оиша модари муъминон (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки Фотима бинти Абуҳубайш Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам)-ро пурсид, ки: Ман дучори истиҳоза ҳастам ва пок намешавам, оё намозро тарк кунам? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "На, ин хун аз раг аст, аммо намозро ба андозаи рӯзҳое, ки ҳайз мешудӣ тарк кун, сипас ғусл бикун ва намоз бихон."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Фотима бинти Абуҳубайш аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид ва гуфт: Хуни ман қатъ намешавад ва ҳатто вақте ки ман ҳайз нестам, идома меёбад, оё ин ҳукми ҳайзро дорад ва бояд намозро тарк кунам? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфт: Ин хуни истиҳоза аст ва ба сабаби беморӣ аз раги бачадон меояд ва он хуни ҳайз нест. Пас агар вақти ҳайз омад ва бинобар одати моҳона вақташро медонӣ - пеш аз истиҳоза шудан - пас намоз, рӯза ва дигар корҳоеро, ки зани ҳайздор дар ҳолати ҳайз тарк мекунад, тарк бикун. Чун миқдори он ба охир расид, дар ин ҳолат аз хуни ҳайз пок шудаи, сипас ҷои хунро бишӯй ва барои рафъи ҳадас ғусл карда намоз бигузор.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3029